# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. –Душанбе, 2026. – 409 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва таҳкими сиёсати ҷиноятии инсонгаро, масъалаи такмили низоми ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, аҳаммияти хоссаи назариявӣ ва амалӣ касб менамояд. Тамоюлҳои муосири ташаккули ҳуқуқи ҷиноятӣ ба коҳиш додани истифодаи маҳрум сохтан аз озодӣ ва густариши татбиқи чораҳои алтернативии ҷазо равона гардидаанд, зеро таҷриба нишон медиҳад, ки маҳрум сохтан аз озодӣ на ҳамеша ба мақсадҳои ҷазо – барқарорсозии адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав ноил мегардад.

Лозим ба зикр аст, ки ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа аксаран боиси оқибатҳои манфии иҷтимоӣ мегардад: канда шудани робитаҳои оилавӣ, аз даст рафтани ҷойи кор, паст шудани имконияти мутобиқшавии минбаъда ба ҳаёти муқаррарӣ ва ғайра. Дар чунин ҳолатҳо эҳтимоли ретсидиви ҷиноят зиёд мегардад. Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, баръакс, имкон медиҳанд, ки шахс дар муҳити иҷтимоии худ боқӣ монда, таҳти назорат ва бо таъсири тарбиявӣ ислоҳ шавад. Бояд гуфт, ки масъалаи сарфакорӣ ва самаранокии иқтисодии ҷазо низ муҳим аст. Нигоҳдории

маҳкумшуда дар муассисаи ислоҳӣ хароҷоти зиёдро талаб мекунад, дар ҳоле ки ҷазоҳои алтернативӣ (корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардани озодӣ ва ғайра) барои давлат камхарҷтар мебошанд.

Мубрамияти мавзуъ, пеш аз ҳама, бо зарурати баланд бардоштани самаранокии таъсири тарбиявӣ ва ислоҳии ҷазо асоснок мегардад. Ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа дар бисёр ҳолатҳо ба коҳиши робитаҳои иҷтимоӣ, заиф гардидани масъулияти оилавӣ ва аз даст рафтани имконияти фаъолияти меҳнатӣ оварда мерасонад, ки ин омилҳо метавонанд заминаи такрори ҷиноятро фароҳам созанд. Дар муқобил, ҷазоҳое, ки бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд нестанд имконият медиҳанд, ки шахс дар муҳити иҷтимоии худ боқӣ монда, таҳти назорати давлат ва ҷомеа ислоҳ гардад.

Дар сатҳи миллӣ, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор намудҳои ҷазоҳои алтернативӣ пешбинӣ шудаанд, аз қабили ҷарима, маҳрум сохтан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои назариявӣ ва амалии таъин ва иҷрои ин ҷазоҳо, муайян намудани самаранокии онҳо ва такмили механизми татбиқ ҳанӯз ҳам таҳқиқи амиқро тақозо менамоянд.

Илова бар ин, истифодаи васеи ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд ба коҳиши сарбории муассисаҳои ислоҳӣ, кам гардидани хароҷоти давлатӣ ва баланд гардидани сатҳи мутобиқшавии иҷтимоии маҳкумшудагон мусоидат менамояд, ки ин омилҳо аҳаммияти иҷтимоӣ-иқтисодии мавзуъро боз ҳам афзун мегардонанд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи комплексии масъалаи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, бо назардошти таҳлили назариявӣ, қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ яке аз самтҳои мубрам ва дорои аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ дар рушди минбаъдаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти анҷомдодаи муҳаққиқ оид ба масъалаи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ яке аз таҳқиқотҳои нави комплексӣ ба ҳисоб меравад. То кунун дар самти мазкур аз як тараф падидаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва

аз тарафи дигар қонунгузории кишвар дар ин самтҳо дорои холигиҳои муҳим буда, ба такмил ниёз дорад. Хулосаю тавсияҳои дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур ба даст овардашуда ин холигиҳоро пурра намуда, ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар самти ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд мусоидат хоҳад кард. Ин ҳама бозгӯкунандаи он аст, ки таҳқиқоти анҷомпазируфта дорои навгонии пурарзиши илмию амалӣ мебошад.

Навгонии таҳқиқоти диссертатсионии муҳаққиқро дар чунин нуктаҳои илмию амалӣ ифода кардан мумкин аст:

1. Муаллиф қайд намудааст, ки андешаҳо оид ба нолозим эътироф намудани ҷазои маҳдуд кардани озодӣ моро қонеъ накарда, устувории мавқеи моро оид ба нигоҳ доштан ва мукаммал намудани механизми татбиқи ҷазои мазкур халалдор сохта наметавонад. Ба ақидаи мо, дар ин хусус ба шитобкорӣ набояд роҳ дод, зеро ҷазои мазкур ҳануз аҳаммияти худро гум накарда, дорои оқибатҳои сазоӣ ва ислоҳӣ мебошад. Мавҷудияти ин ҷазо аз инсондӯстона будани қонунгузории ҷиноятии кишвар дарак медиҳад (саҳ. 16).

2. Зимни таҳқиқоти худ муҳаққиқ пешниҳод намудааст, ки масъалаи ҳудуди истифода шудани маҳдуд кардани озодӣ ба қадри кофӣ ҳалли худро наёфтааст, аз ин рӯ дар қ. 3 м. 54 КҶ ҶТ шахсоне, ки дар ҳудуди қаламрави ҶТ ҷойи доимии зист надоранд, ба кор бурда намешавад, илова гардад (саҳ. 235).

3. Дар матни рисола зикр гардидааст, ки дар қонунгузорӣ бояд бо истилоҳи зерин: «корҳои ҳатмӣ дар ҳудуди минтақаи шаҳрӣ ё маҳалҳои ноҳия, ки маҳкумшуда воқеан зиндагӣ мекунад, адо карда мешавад» ва «вале дар маҳалли истиқоматии маҳкумшуда» ба истилоҳи «вале дар ҳудуди минтақаҳои шаҳрӣ ё ноҳияе, ки маҳкумшуда воқеан зиндагӣ мекунад» иваз карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки ҳудудҳое, ки намудҳои ҷазои мавриди назар адо карда мешаванд, мушаххас карда шуда, дар таъин ва иҷрои онҳо номуайянӣ ҳаллу фасл карда шавад (саҳ. 258).

4. Пешниҳод гардидааст, ки дар қатори чораҳои ҳавасмандгардонӣ дар м. 46 КИҶҶ ҶТ бо таври асоснок чораҳои амалан татбиқнашаванда, ба монанди «Раҳматнома», пеш аз муҳлат бардоштани ҷазои қаблан гузошта шуда, ки дар Кодекси пештара ҷой доштанд, пешбинӣ нашудаанд. Дар иваз фақат маҳдуд сохтан ва ё бекор кардани вазифа ва маҳдудиятҳои муайян муқаррар шуда, ҳамзамон имкони ба таври шартан

пеш аз муҳлат озод кардани шахси маҳкумшуда аз адои ҷазо ҳифз шудааст (саҳ. 298).

5. Муҳаққиқ таклиф намудааст, ки дар қисми 2 м. 54 КҶ ҶТ ва ё 52[1] КИҶҶ ҶТ номгӯйи маҳдудиятҳои маҳкумшудаи ҷазои маҳдуд кардани озодӣ муқаррар карда шавад. Қисми 10 м. 52 КИҶҶ ҶТ ба ҳолатҳое, ки ба маҳкумшуда ҷиҳати баромадан аз ҳудуди адои ҷазои маҳдуд кардани озодӣ иҷозат мебошанд, бахшида шавад (саҳ. 345).

6. Дар диссертатсия пешниҳод карда мешавад, ки дар қонуни ҷиноятӣ мафҳуми маҳдуд кардани озодӣ дар қ. 1 м. 54 КҶ ҶТ дар чунин шакл таҳрир карда шавад: «Маҳдуд кардани озодӣ намуди ҷазои ҷиноятие мебошад, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошад, бо маҳдуд шудани ҳуқуқҳои маҳкумшуда ва иҷрои уҳдадориҳои иловагӣ бо адои ҷазо дар ҷойи истиқомати худ ифода карда мешавад» (саҳ. 356).

Тавре маълум мегардад ҳамаи нуктаҳои ишорашуда барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии ватанӣ ва қонунгузории кишвар дар ин самтҳо навгонии боарзиши илмию амалиро ташкил медиҳанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои таҳқиқот дар он аст, ки таҳқиқот дар заминаи пояи методӣ ва назариявӣ, меъёрӣ, эмпирикӣ таҳия шудааст. Эътимоднокии хулосаҳои таҳқиқот аз истифодаи усулҳои илмии шинохт, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ ва мантиқӣ-ҳуқуқӣ вобаста аст. Дар ин замина муаллиф ба асарҳои олимони маъруфи ватанию хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ такя намуда, хулосаҳои худро асоснок намудааст.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқот дар асоси таҳлили амиқи қонунгузории миллӣ, ба монанди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ асоснок гардидаанд.

Эътимоднокии тавсияҳоро муҳаққиқ бо истифодаи маълумоти омории мақомоти судӣ ва иҷрои ҷазо, таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ тасдиқ намудааст. Дар баробари ин, пешниҳоди хулосаю тавсияҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, нашри онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи бонуфузи дохилию хориҷӣ ифодагари асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф мебошанд.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳқиқот бо омӯзиши таҷрибаи таърихӣ, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, таҳлили меъёрҳои қонунгузорӣ, истифодаи бамавриди усулҳои илмӣ, омӯзиш ва таҳлили ҳукмҳои судӣ ва нишондиҳандаҳои оморӣ асоснок гардида, эътимоднокии онҳо тасдиқ шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур барои дурнамои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, такмили қонунгузорӣ оид ба ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ҳамчун маводи мукаммали илмӣ хизмат хоҳад кард.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи: «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, панҷ боб, 15 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 409 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи таҳқиқот муаллифи рисола ба шарҳу тавзеҳ ва асоснокнамоии мубрамияти мавзуи таҳқиқот, муайян кардани сатҳи омӯзиши мавзуъ, гузоштани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосноксозии навгонӣ ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, равшан намудани аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот пардохтааст.

Боби якуми диссертатсия ҳамчун **«Моҳият, мақсад ва низоми ҷазо дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** унвон гирифта, дорои се зербоб мебошад. Дар ин бахш масъалаҳои мафҳум ва моҳияти ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд; проблемаҳои мақсадҳои ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон; проблемаҳои низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии ҶумҳурииТоҷикистон; низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва аҳаммияти он; асосҳои ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби якуми боби мазкур масъалаи **«Мафҳум ва моҳияти ҷазоҳое, ки ба ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд»** таҳқиқ гардида, бо назардошти андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ мафҳуму моҳияти ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста нестанд таҳлил шуда, андешаи муаллифонаи муҳаққиқ пешкаш гардидааст. Муҳаққиқ асоснок

намудааст, ки ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобастa намебошанд дар низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ мавқеи хоссаро ишғол намуда, нисбат ба дигар намудҳои ҷазои ҷиноятӣ бартариятҳоеро доро мебошанд.

Бобати масъалаи мазкур муҳаққиқ иброз доштааст, ки бо татбиқи ҷазо маҳкумшуда бо гирифтани ҷазои қонунӣ, имкони нигоҳ доштани робитаҳои иҷтимоии худро пайдо намуда, минбаъд аз такроран содир намудани кирдорҳои ҷиноятӣ даст мекашад. Ин намуди ҷазо вазифаи дуҷонибаро иҷро мекунад: аз як тараф, шахс ба қонунгузорӣ эҳтиром мегузорад ва гуноҳи содиркардаро ҷуброн менамояд ва аз тарафи дигар, ҷомеа имкони барқарорсозии муносибатҳои солими иҷтимоиро бо шахс нигоҳ медорад (саҳ. 25). Воқеан ҳам андешаи муаллиф асоснок буда, аз мубраммияти таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ дарак медиҳад.

Дар зербоби дуюми боби якум муҳаққиқ **«Проблемаҳои мақсадҳои ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**-ро таҳқиқ намуда, ба шарҳу тавзеҳи моҳияти мақсадҳои ҷазо, таносуби онҳо, мушкилотҳои татбиқ ва чораҳои баланд бардоштани самаранокии онҳо пардохтааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ зикр намудааст, ки дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсадҳои ҷазо ҳамчун унсури асосии ҷазо муайян шудаанд. Ҷазоҳо барои таъмини адолат, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ислоҳи шахсони маҳкумшуда пешбинӣ мешаванд. Бо вуҷуди ин дар амал татбиқи мақсадҳои ҷазо бо мушкилоти муайяне рӯ ба рӯст, ки самаранокии низоми ҷазоро коҳиш медиҳад ва ба ҳуқуқи инсон таъсири манфӣ мерасонад (саҳ. 44).

Дар зербоби сеюми боби якум **«Проблемаҳои низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** баррасӣ шудааст. Муҳаққиқ аввалан ба таҳлили шумораи дақиқи ҷазоҳо ҷиноятӣ ва низомсозии онҳо пардохта, сониян мавқеи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкушуда аз ҷомеа вобаста намебошандро дар низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ муайян кардааст. Дар баробари ин, муҳаққиқ бо назардошти андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ аҳаммияти низоми ҷазоҳои ҷиноятиро равшан намудааст. Муҳаққиқ дар заминаи ин таҳқиқот мавқеи муаллифонаи худро оид ба низоми ҷазо чунин муайян кардааст: низоми ҷазо, ба эътиқоди мо, низоми аз лиҳози иҷтимоӣ дар асоси қонун муайяншудае мебошад, ки дар фаъолияти судӣ бо дар назар гирифта шудани тақозои фардикунонии ҷазо ва маҷмуи бо ҳам дар алоқамандӣ қарордоштаи намуд ва гурӯҳҳои ҷудогонаи ҷазо аз рӯйи принсипи болоравии мизони вазнини ҷазо ба кор бурда мешавад (саҳ. 72).

Боби дуюми диссертатсия ҳамчун **«Мазмуни ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд»** унвон гирифта, аз чаҳор зербоб иборат аст, ки дар он масъалаҳои моҳият ва мазмуни корҳои ҳатмӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ; моҳият ва мазмуни корҳои ислоҳӣ; мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ; мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардани озодӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби якуми ин боб муҳаққиқ масъалаи **«Моҳият ва мазмуни корҳои ҳатмӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ»**-ро таҳқиқ намуда, моҳият ва мазмуни корҳои ҳатмиро бо назардошти андешаҳои олимон, меъёрҳои қонунгузорӣ ва андешаи муаллифонаи худ асоснок намудааст. Дар ин бахш муаллифи рисола як қатор хулосаҳо ва таклифҳои илман асоснок пешниҳод намудааст, ки барои таҷрибаи ҳуқуқшиносии ватанӣ навгонии пурарзиши илмию амалиро соҳиб мебошанд.

Муҳаққиқ зимни таҳқиқи корҳои ҳатмӣ моҳияти онро чунин кушодааст: корҳои ҳатмӣ яке аз намудҳои ҷазои ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсади он аз ҷиҳати ҳуқуқӣ танбеҳ додани шахси ҷинояткор ва ҳамзамон бо роҳи меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ба ислоҳи маҳкумшуда мусоидат менамояд. Ин намуди ҷазо ҳамчун алтернатива ба маҳрум сохтан аз озодӣ истифода мешавад ва дар асоси ҳукми суд татбиқ мегардад. Корҳои ҳатмӣ бо он фарқ мекунанд, ки шахс дар озодӣ қарор дорад, вале вазифадор мешавад, ки дар муҳлатҳои муайян ва дар ҷойҳои муайян корҳои ҷамъиятии бемуздро анҷом диҳад (саҳ. 88-89).

Дар зербоби дуюми боби дуюм муҳаққиқ масъалаи **«Моҳият ва мазмуни корҳои ислоҳӣ»**-ро таҳқиқ намудааст. Дар ин бахш муаллифи рисола мазмуну моҳияти корҳои ислоҳиро мавриди омӯзиш қарор дода, таносуби онро бо корҳои ислоҳӣ масъалагузорӣ кардааст. Оқибатҳои сазоии корҳои ислоҳиро муфассал асоснок намуда, барои ташаккули илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ хулоса ва таклифҳои назаррас пешниҳод намудааст.

Тавре муҳаққиқ дар диссертатсия иброз доштааст, муҳтавои корҳои ислоҳиро ниҳод ва ё табиати ҷазои мавриди назар ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, аз нигоҳи мо, он гуна, ки ба назар мерасад, маҷмуи маҳдудиятҳои моддӣ, меҳнатӣ, маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ, озодӣ ва манфиатҳои маҳкумшудагон асоси моҳияти корҳои ислоҳиро ташкил медиҳанд ва онҳо ба назари мо дар ҷараёни иҷрои меҳнати фоиданоки ҷамъиятии таъиншуда бидуни ҷудо нигоҳ доштани шахси маҳкумшуда аз ҷомеа татбиқ мегарданд (саҳ. 125).

Дар зербоби сеюми боби дуюм муҳаққиқ **«Мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ»**-ро таҳқиқ намуда, хулосаҳои илмӣ пешниҳод кардааст. Зимни таҳқиқоти худ муаллифи таҳқикот паҳлуҳои гуногуни ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбиро баррасӣ намуда, мазмуну моҳияти онро ошкор ва таносуби ин ҷазоро бо дигар ҷазоҳои ҷиноятӣ анҷом дода, фарқияти онро аз дигар намуди ҷазоҳои ҷиноятӣ, ба хусус корҳои ислоҳӣ ва корҳои ҳатмӣ муайян кардааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ қайд мекунад, ки маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ аз дигар ҷазоҳои ҷиноятие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, дорои баъзе тафовутҳо мебошанд, ки он дар як маврид ифодакунандаи моҳияти ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ арзёбӣ мегардад. Чунин аломатҳои ҷазои мазкурро ҷудо кардан мумкин аст, ки моҳияти онро ифода мекунанд: ба маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои маҳкумшуда равона гардидааст; маҳкумшуда на ҳар гуна субъект, балки танҳо шахсоне буда метавонанд, ки ба хизмати ҳарбӣ алоқамандананд; адои ҷазо на дар ҳар гуна объект, балки танҳо дар қисмҳои ҳарбӣ амалӣ карда мешавад (саҳ. 129-130).

Дар зербоби чоруми боби дуюм муҳаққиқ **«Мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардани озодӣ»**-ро таҳқиқ кардааст. Дар бахши мазкур муаллиф ба омӯзиши мазмуну моҳияти маҳдуд кардани озодӣ пардохта, хусусиятҳо, мушкилотҳои татбиқ ва ҷанбаҳои баҳсноки онро муайян кардааст. Таҳлили таносуби ҷазои маҳдуд кардани озодиро бо дигар ҷазоҳои ҷиноятӣ анҷом дода, фарқияти онро дар асоси чунин аломатҳои ҳуқуқӣ муайян кардааст: 1) маҳдуд кардани озодӣ танҳо бо ҳукми суд таъин мешавад ва суд муқаррар мекунад, ки шахс дар куҷо зиндагӣ кунад, чӣ қадар маҳдудият дошта бошад ва барои чӣ муҳлате; 2) ин навъи ҷазо дар муассисаҳои ислоҳӣ татбиқ намешавад, балки шахс дар муҳити озод, вале зери назорати расмии мақомоти иҷрои ҷазо қарор мегирад. Сеюм, вайрон кардани шартҳои таъиншуда метавонад боиси иваз шудани ҷазо ба ҷазои сахттар гардад, ки ин як омили таъминкунанада мебошад (саҳ. 146-147).

Боби сеюми диссертатсия ҳамчун **«Таъини ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд»** унвон гирифта, аз 4 зербоб иборат мебошад. Дар ин бахш масъалаҳои таъини ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ бо назардошти баррасии ҳукмҳои судӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби якуми боби сеюм муҳаққиқ масъалаи **«Таъини ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ»**-ро таҳқиқ намудааст. Дар ин бахш муаллифи диссертатсия ба андешаҳои олимон, меъёрҳои қонунгузорӣ, нишондиҳандаҳои оморӣ ва ҳукмҳои судӣ такя намуда, холигиҳои қонунгузорӣ ва мушкилоти амалияро оид ба таъини ҷазои корҳои ҳатмӣ ошкору масъалагузорӣ кардааст. Дар натиҷаи ин таҳқиқот муҳаққиқ хулосаю таклифҳои илман асоснок манзур намудааст. Аз ҷумла, дар диссертатсия қайд мегардад, ки ҷинояти дуздӣ аз ҷониби ноболиғон бисёр содир мегардад, вале дар санксияи м. 244 КҶ ҶТ ҷазоҳое нишон дода шудааст, ки барои ноболиғон татбиқ карда намешаванд. Ҳангоми таҳияи санксияи мазкур ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон барои ҷинояти дуздӣ ба инобат гирифта нашудааст. Бо ин назардошт, беҳтар мебуд, ки дар санксияи м. 244 КҶ ҶТ ҷазоҳое ба монанди корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ муқаррар карда шаванд (саҳ. 164-165). Пешниҳоди мазкур барои таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии кишвар навгонии пурарзиши илмӣ ба ҳисоб меравад.

Дар зербоби дуюми боби сеюм масъалаи **«Таъини ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ»** таҳқиқ шудааст. Дар ин қисмат муҳаққиқ ҷанбаҳои мухталифи таъини корҳои ҳатмиро, ба монанди ҳолатҳое, ки ҳангоми таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ аз тарафи суд ба инобат гирифта мешаванд, амалияи таъини ҷазои корҳои ислоҳиро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст. Дар ин раванд омору ҳукмҳои судӣ ва меъёрҳои қонунгузории ҷиноятиро баррасӣ карда, хулосаҳои дорои аҳаммияти баланди илмию амалидошта ироа намудааст. Аз ҷумла, муаллифи таҳқиқот ибрози назар менамояд, ки шахс ҷиноят содир карда, ба ҷабрдида зарари маънавӣ ва ё моддӣ мерасонад, вале суд корҳои ислоҳӣ таъин намуда, шахсро ба манфиати давлат ҷазо медиҳад. Ҷабрдида танҳо дар раванди мурофиаи судӣ боз зарари моддӣ мебинад. Бинобар ин, беҳтар аст, ки дар кишвари мо чун дигар кишварҳо Фонди ҷуброни ҷабрдидагон ташкил карда шуда, қисме аз музди меҳнати иҷрокунандаи ҷазои корҳои ислоҳӣ ба фонди мазкур пардохт гардида, аз ин ҷо ба манфиати ҷабрдида супорида шавад (саҳ. 197). Таклифи мазкур барои таҷрибаи ҷумҳурии мо навгонии муҳимми амалӣ ба ҳисоб меравад.

Дар зербоби сеюми боби сеюм муҳаққиқ масъалаи **«Таъини ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ»**-ро таҳқиқ намудааст. Зимни таҳқиқи ин масъала муаллифи диссертатсия паҳлуҳои назариявӣ ва амалии ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбиро омӯзиш карда, мушкилоту бартариятҳои таъини ин ҷазоро муайян кардааст. Дар ин бахш муҳаққиқ оморҳо ва ҳукмҳои судиро низ мавриди омӯзиш қарор

дода, хулосаҳои назаррас баровардааст. Дар диссертатсия зикр шудааст, ки ҷиҳати бартараф намудани проблемаҳои муҳокимашаванда, мушкилоте, ки ҳангоми истифодаи ҷазои мавриди назар ба миён меояд илова кардани ҷазои ҷиноятӣ нисбат ба хизматчиёни ҳарбӣ ба мақсад мувофиқ аст, зеро такмили қонунгузории дахлдор нисбат ба ҷавобгарии ҷиноятии хизматчиёни ҳарбӣ зарур аст. Ироаи таклифҳои самарабахш имконият медиҳанд нисбат ба хизматчиёни ҳарбӣ бештар аз ду ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ карда шавад, то барои ноил шудан ба мақсадҳои ҷазои дар м. 46 КҶ ҶТ зикршуда саҳм гузоранд (саҳ. 222).

Дар зербоби чоруми боби сеюм муҳаққиқ масъалаи **«Таъини ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ»** таҳқиқ намудааст. Зимни таҳқиқи ин масъала муаллифи диссертатсия ба андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, оморҳо ва ҳукмҳои судӣ такя намуда, паҳлуҳои мухталифи раванди таъини ҷазои маҳдуд кардани озодиро баррасӣ карда, мушкилотҳои мавҷударо ошкор ва ҷиҳати ҳалли онҳо хулосаю таклифҳои илман асоснок пешкаш намудааст. Дар ин бахш муаллиф масъалаҳои таъини ҷазои маҳдуд кардани озодиро барои ноболиғон низ матраҳ намуда, чунин таъкид кардааст, ки мутобиқи қ. 1 м. 87 КҶ ҶТ, “таъини ҷазои маҳдуд кардани озодӣ нисбат ба ноболиғон пешбинӣ карда нашудааст”. Таҳлили қ. 1 м. 87 КҶ ҶТ имкон медиҳад чунин натиҷагирӣ кард, ки ба сифати ҷазо набояд нисбат ба шахсони ноболиғ ҷазои маҳдуд кардани озодӣ татбиқ гардад (саҳ. 226).

Боби чоруми диссертатсия **«Иҷрои ҷазоҳои бо фаъолияти ҳатмии меҳнатии маҳкумшудагон алоқамандбуда»** унвон гирифта, аз ду зербоб иборат мебошад, ки дар онҳо масъалаҳои танзими ҳуқуқии иҷрои корҳои ҳатмӣ; иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ; масъалаҳои ташкилии ҳуқуқии раванди иҷрои корҳои ислоҳӣ; шароити иҷрои корҳои ислоҳӣ; масъалаҳои бакоргирии равишҳои ислоҳи шахсони ба иҷрои корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби якуми боби чорум муҳаққиқ масъалаи **«Танзими ҳуқуқии иҷрои корҳои ҳатмӣ»**-ро таҳқиқ намудааст. Бояд гуфт, ки асоси самаранокии татбиқи ҷазои корҳои ҳатмӣ, маҳз аз танзими дурусти ҳуқуқии ҷазои мавриди назар вобаста мебошад. Ин аст, ки муаллифи таҳқиқот меъёрҳои қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятиро оид ба иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ таҳлил намуда, холигиҳои онро ошкор ва ҷиҳати ҳалл намудани онҳо хулосаю таклифҳои судманд манзур сохтааст.

Яке аз таклифҳои судманди муаллиф чунин асоснок гардидааст: агар дар ивази иҷрои корҳои ҳатмӣ ба маҳкумшаванда музди меҳнат дода

шавад, он гоҳ сафи чунин маҳкумшудагон меафзояд ва чунин тартибот ба мазмуни ҷазо мувофиқат наменамояд. Бо ин назардошт, беҳтар мебуд, ки номи ҷазои мазкур аз "корҳои ҳатмӣ" ба "хидмати фоиданоки ҷамъиятӣ" ё "хидмати ройгони ҷамъиятӣ" иваз карда шавад (саҳ. 251).

Дар зербоби дуюми боби чорум муҳаққиқ масъалаи **«Иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ»**-ро таҳқиқ кардааст. Зимни таҳқиқи ин масъала муаллифи диссертатсия ба таҳлилу омӯзиши андешаҳои олимон ва меъёрҳои қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пардохта, проблемаҳои раванди иҷрои ҷазои корҳои ислоҳиро ошкор намудааст. Аз ҷумла, ошкор шудааст, ки номгӯйи мамнуиятҳо ва уҳдадориҳо нисбати маҳкумшуда дар корҳои ислоҳӣ дар қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ инъикос наёфтаанд, ҳол он ки тамоми шароити иҷрои ҷазои мазкур маҳз дар асоси қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад (саҳ. 268). Дар баробари ошкор намудани чунин холигиҳои қонунгузории амалкунанда, ҳамзамон муҳаққиқ тавсияҳои судманди илмӣ пешниҳод кардааст. Аз ҷумла, пешниҳод шудааст, ки ба қ. 3 м. 52-и КҶ ҶТ доир ба зиёд кардани ҳисоби рӯзҳо ҳангоми иваз кардани ҷазои адонашуда дар намуди корҳои ислоҳӣ бо маҳрум сохтан аз озодӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шавад (саҳ. 278).

Боби панҷуми диссертатсия **«Иҷрои ҷазоҳои бо маҳдуд кардани озодӣ алоқамандбуда»** унвон гирифта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин бахш масъалаҳои иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ; ташкили иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ; мақоми ҳуқуқии шахсоне, ки ба маҳдуд кардан аз озодӣ маҳкум шудаанд; проблемаҳои иҷрои ҷазои маҳдуд кардани озодӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифтаанд.

Дар зербоби якуми боби панҷум муҳаққиқ масъалаи **«Иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ»**-ро таҳқиқ кардааст. Масъала бо назардошти ақидаҳои муҳаққиқон, меъёрҳои қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таҳлил шуда, проблемаҳо ва бартариятҳои таҷрибаи ҳуқуқтатбиқсозии кишвар оид ба иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ масъалагузорӣ гардидааст. Аз бартарияти қонунгузорӣ дар ин самт муҳаққиқ чунин изҳори назар кардааст. Дар муқоиса бо қонунгузории баъзе давлатҳои хориҷӣ, ки метавонанд талаботи сахттар ва маҳдудкунандаи бештар дошта бошанд, қонунгузории Тоҷикистон ба шаҳрвандон имконоти бештар барои ҳифзи ҳуқуқи худ ва интихоби озодона медиҳад. Ин пешсафӣ ва ҳамоҳангии қонунгузорӣ бо стандартҳои байналмилалӣ имкон медиҳад, ки Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мавқеи устувор дошта, таҷрибаи хуби ҳуқуқиро пешниҳод намояд. Аз ин рӯ, қонунгузории Тоҷикистон дар танзими ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ намунаи муътадил ва пешрафта мебошад, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва таҳкими давлатдорӣ дар кишвар саҳми назаррас мегузорад (саҳ. 309).

Дар зербоби дуюми боби панҷум муҳаққиқ масъалаи **«Ташкили иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ»**-ро таҳқиқ намудааст. Муҳаққиқ паҳлуҳои мухталифи раванди иҷрои ҷазои маҳдуд кардани озодӣ, ба монанди мақоми ҳуқуқии шахсоне, ки ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкум шудаанд ва проблемаҳои иҷрои ҷазои маҳдуд кардани озодиро мавриди омӯзиш қарор дода, як қатор сабабҳои самаранок набудани татбиқи ҷазои мазкурро масъалагузорӣ намудааст. Аз ҷумла, атрофи механизмҳои муосири назорати маҳкумшудагон, уҳдадориҳо ва мамнуиятҳои татбиқшаванда ва амсоли инҳо андешаронӣ кардааст. Дар таҳқиқот пешниҳод шудааст, ки ба қ. 9 м. 52 КИҶҶ ҶТ ворид кадани тағйироту иловаҳо зарурӣ ба назар мерасад: «Дар сурати иваз кардани ҷойи кор ва (ё) таҳсил афроди маҳкумшуда бояд ба таври фаврӣ мақоми дахлдори давлатиро, ки масъули назорат ба наҳваи иҷрои ҷазои маҳдудсозии мебошад, иттилоъ диҳад» (саҳ. 342).

Натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомадаро муаллифи диссертатсия дар хулоса нишон додааст, ки дорои арзиши баланди илмию амалӣ мебошанд. Хулосаҳои илмии дорои моҳияти назариявӣ доштаро муҳаққиқ дар бист нукта ифода кардааст, ки ба масъалаҳои мазмуну моҳияти ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ба хусус мафҳум ва моҳияти корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ, мушкилотҳои раванди таъин ва иҷрои ҷазоҳои мазкур бахшида шудаанд. Ҳамзамон, муҳаққиқ ёздаҳ нуктаи дигари дорои мазмуни амалидоштаро ишора намудааст, ки бевосита ба мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии кишвар мусоидат менамоянд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот ба танзими назариявии консепсияи ҷазоҳои алтернативӣ, аз ҷумла таҳияи асосҳои назариявии ҷазоҳои алтернативӣ дар заминаи сиёсати ҷиноятии муосири Тоҷикистон, ки ба самти инсондӯстона нигаронида шудааст мусоидат намуда, ба такмили мафҳумҳо, истилоҳот ва таърифҳои мантиқию илмӣ оид ба ҷазоҳои таҳқиқшуда боис мегардад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон барои чунин амалҳо истифода намуд: такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ба мисоли таҳия намудани лоиҳаи қонунҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон; аз байн бурдани зиддиятҳои ҳуқуқӣ дар механизми таъин ва иҷрои ҷазоҳои таҳқиқшуда; таҳияи тавсияҳои методӣ барои судяҳо ҳангоми интихоби намуди ҷазо; афзудани самаранокии назорат аз болои маҳкумшудагон; таҳияи дастурҳои амалӣ барои ташкили ҳамкории нозироти ислоҳӣ бо корхонаву муассисаҳое, ки дар он ҷо маҳкумшудагон ҷазоро адо мекунанд.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот дар он муайян мегардад, ки натиҷаҳои аз таҳқиқот бадаст овардашуда метавонанд дорои чунин ҷанбаҳои иқтисодӣ бошанд: коҳиш додани шумораи маҳкумшудагон ва ба ин васила кам кардани хароҷоти нигоҳдорӣ дар маҳбасҳо; даромади мустақим ба буҷети давлатӣ; ҷалби маҳкумшуда ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ва ба ин васила сайқал додани қобилиятҳои меҳнатии ӯ; нигоҳ доштани иқтидори меҳнатии кишвар ба воситаи мунтазам нигоҳ доштани робитаи маҳкумшудагон бо меҳнат; саҳмгузорӣ намудан дар ободонии кишвар ва амсоли инҳо.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот ба самаранокии татбиқи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд мусоидат намуда, ба ин восита дар самтҳои зерин таъсири мусбӣ мерасонанд: пешгирии таъсири манфии муҳити ҷиноятӣ, нигоҳ доштани мақоми иҷтимоии шаҳрвандон, ҳифзи арзишҳои оилавӣ аз ҷониби маҳкумшудагон, тарбия намудани эҳсоси меҳнатдӯстӣ ва масъулиятшиносӣ дар маҳкумшудагон, коҳиш додани содиршавии ҷиноятҳои такрорӣ, афзудани эҳсоси адолат ва боварӣ ба давлат дар шаҳрвандон ва ғайра.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада дорои аҳаммияти баланди назариявӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, барои рушди минбаъдаи соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузоранд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Хулосаю таклифҳои таҳқиқот дар 6 монография, 52 мақолаи илмӣ, ки аз он 27 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки боʻқарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки фишурдаи диссертатсия мебошад, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии таҳқиқот дар диссертатсия баъзе ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки шарҳу тавзеҳ ва асоснокнамоии иловагии муҳаққиқро талаб мекунанд. Аз ҷумла:

1. Муҳаққиқ дар мубрамияти таҳқиқот асоснок намудааст, ки ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, нисбати иҷрои дигар ҷазоҳои ҷиноятӣ камхарҷ мебошанд. Аммо, дар ҷойи дигар иброз доштааст, ки иҷрои корҳои ҳатмӣ дар маҳалли истиқоматӣ ҷой доштани воҳид ва ё шахси масъулро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, ӯ пешниҳод менамояд, ки бояд дар шаҳру ноҳияҳо шуъбаи ё нозир барои иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ бо таъин гардидани намояндаи масъули он дар ҳайати сохтори ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ба роҳ монда шавад (саҳ. 259 дисс.). Аз муҳаққиқ хоҳиш карда мешавад, ки магар дар ҳар як шаҳру ноҳия ва ҷамоатҳо ташкили чунин сохтор ва шахси масъул баръакс, хароҷоти зиёдатиро аз давлат тақозо намекунад?

2. Муаллифи рисола қайд намудааст, ки «...дар миёни қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ ихтилофи назарӣ вуҷуд дорад ва аз нигоҳи мо ин ихтилоф танҳо метавонад дар натиҷаи ворид кардани

тағйирот ба Кодекси ҷиноятӣ ва ё КИҶҶ рафъ гардад» (саҳ. 282 дисс.). Дар ин андеша ду нофаҳмӣ ҷой дорад. Якум, муаллиф аз кадом ихтилофоти назарӣ сухан карда истодааст, маълум нест. Дуюм, кадом тағйиротҳоро муҳаққиқ дар назар дорад, номаълум мондааст? Бинобар ин, муҳаққиқро зарур аст, ки ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия ин андешаи худро асоснок намояд.

3. Дар диссертатсия пешниҳод шудааст, ки «Дар назди идораи корҳои ислоҳӣ ё дар мақомотҳои маҳаллии ҳокимият хадамоти махсуси иҷрокунандаи ҷазои корҳои ҳатмӣ ташкил карда шавад» (саҳ. 357 дисс.). Дар матни диссертатсия мо мушоҳида накардем, ки ҳадафи чунин пешниҳод дар чист, хадамоти мазкур дар асоси чӣ ва чӣ тавр фаъолият мекунад, оё чунин хадамот дар таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ҳаст ё не? Аслан, оё зарур аст, ки барои ҳар як намуди ҷазо дар минтақаю маҳалҳо сохтори дахлдор ё воҳиди алоҳидаи корӣ таъсис диҳем? Муҳаққиқро зарур аст, зимни ҳимояи ошкорои рисола пешниҳоди худро асоснок намояд.

4. Дар нуктаи 7-уми ба ҳимоя пешниҳодшавандаи таҳқиқоти диссертатсионии Зокирзода З.Х. масъалаи конвертатсияи тафриқавии соатҳо ҳамчун унсури муҳимми такмили низоми иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст (саҳ. 17-18 дисс.). Бо вуҷуди аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доштани пешниҳодҳо, метавон қайд намуд, ки муаллиф ба масъалаи таҳияи механизми мушаххаси ҳуқуқии татбиқи конвертатсияи тафриқавии соатҳо диққати кофӣ надодааст. Аз ҷумла, меъёрҳои дақиқи фарқгузорӣ (маҳакҳо) вобаста ба вазъи иҷтимоӣ, қобилияти меҳнатӣ ва хусусияти ҳуқуқвайронкунӣ пурра асоснок нашудаанд. Ҳамчунин, дар таҳқиқот масъалаи пешгирии арзёбии субъективӣ ва таъмини ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиккунӣ ба таври кофӣ таҳлил нагардидааст. Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ низ бештар ба таври умумӣ оварда шуда, муқоисаи амиқи ҳуқуқӣ ва имконияти мутобиқсозии он ба шароити қонунгузории миллӣ пурра инъикос нашудааст.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки дар таҳқиқот механизмҳои мушаххаси меъёрии сифати иҷро, кафолатҳои ҳуқуқӣ ва тартиби возеҳи татбиқи конвертатсияи тафриқавии соатҳо мукаммалтар таҳия ва пешниҳод карда шаванд.

Новобаста аз эродҳои зикршуда, онҳо аз мубрамият ва мурракабию муҳим будани мавзуи таҳқиқот гувоҳӣ дода, ба мазмуну муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи: «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат
ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Асадулло Ғуломов, 13
Тел.: (+992) 907-89-11-70; Email: bobojonov_i@mail.ru

**Имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:**
Нозири калони кадрҳои Институти давлат ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Давлатмуродзода Б.Д.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 19
Тел. 221-65-72
«14» 04 2026 сол.